Тасдиқ мекунам
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор
_________________ Миралиზода А.М.
«___» ___________ соли 2021

# ХУЛОСАИ

## ҷаласаи муштараки кафедраи химия ва методикаи таълими он ва кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи ДДК ба номи А. Рӯдакӣ роҷеъ ба рисолаи номзадии Уроқов М. Д. дар мавзӯи «Асосҳои методии ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар ҳалли вазифаҳои таълими фанни химия (дар синфҳои 8-10-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ)»

Рисолаи унвонҷӯи кафедраи химия ва методикаи таълими он Уроқов Мирзомурод Давлатмуродович дар мавзӯи «Асосҳои методии ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар ҳалли вазифаҳои таълими фанни химия (дар синфҳои 8-10-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ)» аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – назария ва усулҳои омӯзишу парвариши химия (илмҳои педагогӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ иҷро шудааст.

Уроқов Мирзомурод Давлатмуродович соли 2006 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакиро аз рӯи ихтисоси муаллими химия, дараҷаи мутахассис хатм кардааст.

Мавзӯи диссертатсия дар Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ аз 31.10.2016, протоколи № 2 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Холназаров С. мебошад.

Дар шароити кунунӣ масъалаи таъмини ташаккули ҳаматарафаи шахсияти хонандагон, рушди қобилияти дар амалия истифода бурда тавонистани донишҳои азбарнамуда торафт мубрамият пайдо менамояд.

Бинобар ин, таҳсилоти умумӣ бояд ба тарбияи шахсияти фаъол ва созанда нигаронида шуда, боиси парвариши эҳсоси худогоҳии миллӣ дар шуури хонандагон, истифодаи анъанаҳои беҳтарини маорифи миллӣ ва умумибашарӣ, ноил шудан ба дастовардҳо дар бахшҳои мухталифи илм, аз ҷумла фанни химия гардад.

Илми педагогика, аз ҷумла методикаи таълими химия ба таври доимӣ ҷиҳати дарёфти методҳо ва усулҳои таълими фан, баланд бардоштани сифати донишҳои химиявии хонандагон, рушди маҳорату малакаҳои иҷрои корҳои амалӣ ва истифодаи онҳо дар ҳаёт рушду равнақ меёбад. Таҷрибаҳои гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки агар омӯзгорон, дар баробари истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар дарсҳо, машғулиятҳо, инчунин, майлу рағбати идроки хонандагонро ҷоннок накунанд, ҳавасмандиро ташаккул надиҳанд, ба натиҷаҳои зарурӣ соҳиб шудан хеле мушкил аст.

Ҳавасмандӣ ҳиссиёти баланди зеҳнӣ, муносибати системавӣ ба таҳсил, хурсандӣ, ҳайрат, талаботи ботинӣ ба донишҳои химиявӣ ва замонавӣ, майлу рағбат, талабот, мустақилона аз худ намудани донишҳо, маҳоратҳо, ташаббускорӣ ва мустақилияти маърифатӣ ва ғайраро дарбар мегирад.

Ҷорӣ намудани таълими равиявӣ (соҳавӣ) дар зинаи болоии мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ боз ҳам масъалаи ташаккули методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавиро дар хонандагон пеш мегузорад. Мактаби имрӯза бояд, бо назардошти хусусиятҳои фардии хонандагон, барои рушди ҳавасмандӣ, майлу рағбат ва қобилияти онҳо дар ҳоли ҳозир ва оянда шароити мусоид фароҳам оварад.

Аз ин ҷо яке аз воситаҳои баланд бардоштани самаранокии таълими фанни химия ин ташаккули методҳои анъанавӣ ва ҳавасмандии хонандагон дар раванди омӯзиши фанни химия мебошад.

Дар методикаи таълими химия корҳое мавҷуданд, ки ба ҳавасмандии омӯзиши химия бахшида шудаанд. Масалан, А.А. Макарения нақши озмоиши хонагиро дар ҳавасмандсозии омӯзиши химия баррасӣ кардааст;

И.М.Титов ҷанбаҳои гуногуни ҳавасмандсозии омӯзишро омӯхтааст; М.С.Пак супоришҳоеро пешниҳод кардааст, ки ба ҳавасмандсозии омӯзиши химия марбутанд.

Олимон-методистони ватанӣ М. Лутфуллоев, У. Зубайдов, Бандаев С.Г., Ф. Шарифзода, М. Нугмонов, Ҷ. Шарифов, С.Холназаров дар корҳои худ оид ба методҳои таълим ва тарбия дар омӯзиши химия фикрҳо ҷолиб баён намудаанд.

У.Зубайдов ба ҳисоб гирифтани масъалаи ҳавасамандиро дар ташкили таълими тафриқавӣ аз химия махсусан қайд кардааст.

С.Холназаров барои бедор кардани ҳавасмандӣ ба фанни химия таъкид месозад, ки маводи химиявиро дар мисолҳои фаъолияти ҳаётии табиӣ, сунъии зист ва мисолҳои фаъолияти ҳаётии инсон баррасӣ кардан лозим аст. Зимнан, инро набояд лаҳзаина, балки ба таври мунтазам анҷом дод, ки донишҳои мутобиқ ба тарҳи иттилоотӣ низомнок бошанд, яъне маводро аз рӯи як навъ принсипи бисёрзаминавӣ баён кардан лозим аст.

Бо вуҷуди таҳқиқотҳои баанҷомрасида, масъалаи ташаккули ваҷҳҳо ва тарбияи ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия ҳанӯз ба таври қонеъкунанда мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст, ки вазъи ҳавасмандии хонандагон ҷиҳати омӯзиши химия аз ин гувоҳӣ медиҳад.

Дар бисёр маврид омӯзгорони фанни химия бо нақлҳои лаҳзаинае дар бораи корхонаҳои шаҳр, нақши баъзе маводҳои химиявӣ дар ҳаёти инсон ҳарф мезананд, яъне ҳавасмандсозӣ ба таври номуташаккилона ҷараён мегирад. Асосан омӯзгорон ба нигоҳ доштани ҳавасмандсозии беруна дар шакли назорат тамоюл доранд, ки ба омилҳои зерин вобаста аст:

- муҳиммияти ташаккули малакаҳои азхудкунӣ дар хонандагон;
- омӯхташудагии нокифояи масъалаи ҳавасмандсозии омӯзиш дар методикаи таълими химия;
- зарурати таҳияи методикаи мушаххаси таълим ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ ҳангоми таълими фанни химия;
- зарурати ҷорикунии методикаи ҳавасмандии хонандагон дар амалияи омӯзгор;

- омӯхтани масъалаҳои назариявии методҳои таълим ва тарбия дар раванди таълими фанни химия, муайян намудани хусусиятҳои хосе, ки дар бораи нуқтаи назари муаллиф дар соҳаи методикаи таълими химия маълумот медиҳанд;

- муайян кардани имкониятҳои истифодаи методҳои таълим ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ дар раванди таълими химия, усулҳои ҳамбастагии онҳо ҳангоми ҳалли вазифаҳои таълимӣ;

- коркарди системаи якҷояшавии методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии таълим ва тарбия дар раванди омӯзиши химия ҳамчун воситаи ҳалли вазифаҳои таълимии курси химия, ки ба рушди хонандагон равона карда шудаанд;

- санҷиши муваффақиятнокии системаи коркардашуда дар амалияи муассисаҳои таҳсилоти умумии муосир дар мисоли таълими фанни химия.

Маълум аст, ки химия ҳамчун илм хусусиятҳои вижаи худро дошта, дар ташаккул ва рушди тасаввуроти воқеии хонандагон оид ба муҳити атроф нақши муҳим мебозад. Дар робита ба ин, дар назди илми методикаи таълими химия масъалае истодааст, ки на танҳо ба хонандагон системаи донишҳои амиқ ва мустаҳками химиявиро медиҳад, балки қобилияти эҷодӣ ва зеҳнии ҳар яки онҳоро ба дараҷаи баландтар рушд мебахшад.

Аз рӯи натиҷаҳои муҳокима хулосаи зерин қабул карда шуд:

Диссертатсия кори илмию тахассусӣ буда, ба баланд бардоштани самарабахшии таълим ва тарбия тавассути асосноккунии маҷмӯи шароити педагогӣ ва таҳияи технологияи рушди фаъолияти фикрии хонандагон нигаронида шудааст.

Аҳамият ва хусусияти методҳои таълим ва тарбия, корбасти маҷмӯи воситаҳои назариявӣ ва методӣ эҷоди неруи маърифатие мусоидат менамояд, ки имконияти ташаккули эҷодиро пешбинӣ намуда, ба туфайли он зарурати таълими химия ҷиҳати ташаккули маърифати эҷодии хонандагон муайян карда мешавад.

Таҳқиқоти илмӣ ба ҳалли масъалаҳои таълими анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ дар муасиссаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, рушди қобилиятҳои фикрии хонондагон, омодагӣ ба “таълим дар тӯли тамоми ҳаёт”, инчунин, бозбинии усулҳои ташкили раванди таълими фанни химия бахшида шуда, самти асосии он рушди стратегияи худтаълимгирӣ ва худтаҳсилкунӣ мебошад, ки ба ташаккули шахсияти хонандагон ҳамчун субъекти раванди таҳсилот нигаронида шудааст.

Мақолаҳои нашршудаи муаллиф муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд.

а) Муҳтавои диссертатсия дар 5 мақолаи зерини нашршуда дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда инъикос гардидааст:

[1-М] Уроқов М.Д. Асосҳои назариявии истифодаи методҳои таълим ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ дар ҷараёни методикаи таълими фанни химия [матн] Холнозаров С. Уроқов М.Д. // Маҷаллаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. - №7. – С.267-270. ISSN 2074-1847;

[2-М] Уроқов М.Д. Истифодаи имкониятҳои дидактикии методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ дар таълими фанни химия [матн] Уроқов М.Д.// Маҷаллаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №8. – С.263-266. ISSN 2074-1847;

[3-М] Уроқов М.Д., Сайфуддинов Ф. Омезиши методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ ҳангоми ҳалли вазифаҳои таълим ва тарбиявӣ дар раванди таълими химия [матн] // Уроқов М.Д Сайфуддинов Ф // Маҷаллаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. - №10. – С.282-284. ISSN 2074-1847;

[4-М] Уроқов М.Д. Таъсири тарбиявии методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ ба фаъолгардонии хонандагон дар ҷараёни таълими химия [матн] Уроқов М.Д. Холназаров С// Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2019. – 1/2(62) ISSN 2665-5554;

[5-М] Уроқов М.Д. Ҳолоти праблемаи тайёрии таълими пешазназариявӣ дар назария ва амалияи таълим [матн] Холназаров С.,

Холназарова Ш.С., Уроқов М.Д. // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2020. – 1/2(74) ISSN 2663-5534.

б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашриёҳо ба табъ расидаанд:

[6-М] Уроқов М.Д. Методҳои фаъолгардонии таълими химия: таҷриба ва машғулият [Матн] // Уроқов М.Д., Бобоев Б.Ҷ. // Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи "Мушкилотҳои кимёи муосир аз нигоҳи ҳифзи табиат ва татбиқи навгониҳои илмию истеҳсолӣ". – Душанбе: "ЭГ-граф", 2019. – С.149-157;

[7-М] Уроқов М.Д. Таҳқиқ ва истифодаи методҳои таълим дар раванди таълими химия [Матн] // Уроқов М.Д. // Маводи (фишурдаи) конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқоти дар соли 2020. – Кулоб, 2021. – С.317-319;

[8-М] Уроқов М.Д. Технологияи ташкили омӯзиши мустақилона ва рушди маҳорати эҷодии хонандагон [Матн] // Уроқов М.Д. Бобоев Б.Ҷ. // Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи "Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ". Кулоб, 2021. – С.325-328;

[9-М] Уроқов М.Д. Таҷриба ва гузаронидани машғулиятҳо дар таълими фанни химия [Матн] // Уроқов М.Д. Ҳисайнов Ҳ. // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии умумидонишгоҳӣ миёни магистрон ва докторантони PHD дар мавзуи " Пешвои миллат интихоб ва ифтихори тоҷикон" бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кулоб, 2020. – С.182-186.

Кор мутобиқ ба бахшҳои зрини шиносномаи тахассуси КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: ихтисоси 13.00.02 – назария ва усулҳои омӯзишу парвариши химия ба иҷро расидааст.

Диссертатсия дар мавзӯи «Асосҳои методии ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар ҳалли вазифаҳои таълими фанни химия (дар синфи 8-10-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – назария ва

усулҳои омӯзишу парвариши химия пешниҳод гардидааст, барои муҳокимаи минбаъда ва ҳимоя тавсия дода мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи муштараки кафедраи химия ва методикаи таълими он ва кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ таҳти протоколи №8 аз 14 апрели соли 2021 қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа ҳузур доштанд: 30 нафар.

Ҳуқуқи овоздиҳӣ доштанд: 30 нафар.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» – 30 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар.

Протоколи № 8 аз 14 апрели соли 2021.

Раиси ҷаласа: мудири кафедраи
умумидонишгоҳии педагогикаи
ДДК ба номи А.Рӯдакӣ н.и.п. Лоиқов П.

Котиб: мудири кафедраи химия
ва методикаи таълими они
ДДК ба номи А.Рӯдакӣ Бобоев Б.Ҷ.

«Имзоҳои Лоиқов П. ва Бобоев Б.-ро тасдиқ мекунам».
- сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДК ба номи А.Рӯдакӣ Амиров Ф. А.